Ҷумҳурии Тоҷикистон
Республикаи Таджикистан
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
Таджикская академия сельскохозяйственных наук
«05» майи 2023
№ 02
ш. Душанбе — г. Душанбе

«Тасдиқ менамоям»
Президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.
академик ____________Асозода Н.М.
«__»________с 2023

# ОИННОМАИ

Институти чорводорӣ ва чарогоҳи
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

ш. Душанбе – 2023

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (минбаъд Институт) дар асоси қарори мушовараи кумитаи давлатии Шӯрои Вазирони СССР оид ба илм ва техника, аз 12 январи соли 1971 ва қарори Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон аз 5 феврали соли 1971 таҳти рақами 30 таъсис ёфтааст ва тобеъи бевоситаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон мебошад. Аз 02. 05.2008 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 215 Институти чорводории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон номгузорӣ шуда, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.07.2017 №342 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Баъдан он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №478 аз 31.08.2020 Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон номгузорӣ гардид. Дар ин марҳила сохтори он низ таҷдид гардида, як қатор зерсохторҳои нав ташкил карда шуд.

1.2. Институт яке аз марказҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар соҳаи чорводорӣ таҳқиқотҳои илмӣ мебарад. Институт инчунин ба корҳои илмию методӣ роҳнамоӣ карда, таҳқиқотҳои илмиро, ки дар донишгоҳҳои олӣ ва дигар муассисоти илмӣ дар соҳаи чорводорӣ бурда мешаванд, ҳамоҳанг месозад. Доираи фаъолияти Институт Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

1.3. Институт мӯҳри рамзӣ дорад ва бо забонҳои давлатӣ номи он дарҷ гардидааст.

1.4. Шакли ташкиливу ҳуқуқии Институт бо моддаи 132 Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Институт тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати илмию техникии давлатӣ» № 597 аз 21.05.1998 амал намуда, шахси ҳуқуқӣ буда, мувозана (баланс)-и мустақил, мӯҳри муддавар ва дар муассисаҳои бонк суратҳисобҳои ҷорӣ, арзӣ дорад.

1.5. Институт фонди оинномавӣ, маблағҳои асосӣ ва гардон, инчунин дигар маблағҳо дорад, ки дар асоси қонунгузории амалкунандаи ҷорӣ ташкил меёбанд. Фаъолияти худро аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ. Инчунин аз хисоби дароадҳо аз фурӯши маводи илмию техникӣ, ҳаргуна карҳо ва хизматрасониҳо амалӣ менамояд.

1.6. Институт дар фаъолияти худ ба қонунгузориҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаи мазкур ва инчунин ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такя менамояд.

1.7. Суроғаи ҳуқуқии Институт: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Гипрозем – 17.

## 2. Вазифаҳои асосӣ ва самтҳои фаъолияти Институт

2.1. Институт доир ба масъалаҳои муҳимтарини тараққиёти чорводории Тоҷикистон тадқиқоту хулосаҳои илмиро ба амал мебарорад.

Вазифаҳои асосии Институт аз инҳо иборатанд:

- гузаронидани корҳои тадкикотӣ-илмӣ, ки ба талаботи муҳимтарини чорводорӣ ҷавобгӯ аст;
- офаридани зотҳо, ҷинс (тип), авлодҳо, дурагаҳо, кроссҳои нави чорво, паранда ва занбӯри асал, тарҳрезии барномаҳои мукаммалсозии минбаъдаи онҳо бо истифодаи усулҳои биотехнологӣ, муҳандисии генӣ ҳуҷайравӣ, воситаҳои нави ташхис;
- таҳияи асасҳои илмии истеҳсолу коркарди хӯроки чорво ва паранда, такмили меъёр ва усулҳои хӯрокдиҳӣ, технологияи парвариш ва нигоҳубини чорво, паранда, занбӯри асал ва ғайра;
- такмили усул ва корҳои селексионию зотпарварӣ, беҳтар намудани сифати таркибии зоти чорво, паранда, занбӯри асал ва афзоишдиҳии онҳо;
- таҳияи тарзу усулҳои бозтавлидии чорво (таҷдиди пода) наслгирӣ ва биотехнология, санҷиш ва коркарди маводу воситаҳои биологию кимиёвӣ барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва насловарии чорво;
- таҳияи усулҳои беҳтаргардонии ҳолат ва истифодабарии чарогоҳҳо ва марғзорҳои табиӣ;
- тайёр намудани кадрҳои илмии тахассуси олӣ (докторҳо ва номзадҳои илм, магистрҳо ва докторҳо аз рӯи ихтисос);
- омӯзиш ва ҷамъбасти дастовардҳои илми ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳати истифодаи онҳо дар рушди истеҳсолоти чорводорӣ;
- тайёр намудани таклифҳо ва пешгӯиҳо оид ба рушди чорводорӣ дар ҷумҳурӣ, тавсияҳои илман асоснок доир ба ноҳиябандӣ намудани намуд ва зотҳои чорво, самарабахш истифода бурдани фондҳои ирсии чорво (чорвои хушзот, нутфа ва ҷанин);
- тайёр намудан ва пешниҳод кардани хулосаву тавсияҳои илмӣ-техникии хотимаёфта; иштирок дар тартибдиҳии нақшаҳои дар истеҳсолот ҷорикунӣ; иштирок дар тартибдиҳии накшаҳои дар истеҳсолот ҷорикунӣ; ҷамъбаст ва тавсиядиҳӣ барои ҷорӣ намудани таҷрибаҳои пешқадами ватанӣ, инчунин таҷрибаи хориҷӣ; ба роҳбарон, мутахассисони хоҷагиҳо ва бахшҳои кишоварзӣ расонидани ёрии зарурии илмию методӣ;
- такмил додани низоми пешбарии чорводорӣ.

Барои иҷрои вазифаҳои зикршуда Институт дар мувофиқа бо Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон :

-нақша ва барномаҳои ҳамкории илмию техникиро бо кишварҳои хориҷӣ оид ба проблемаҳои соҳаи кишоварзӣ таҳия ва татбиқ менамояд;
- ба тарбия ва бозомӯзии кадрҳои илмӣ дар дохил ва хориҷи кишвар мусоидат мекунад;
-ҷиҳати баррасии проблемаҳои илм ва истеҳсолоти соҳаи чорводорӣ семинарҳо, конференсияҳо, симпозиумҳо ва маҷлисҳо доир менамояд;
- ба таргиби дастовардордҳои илм ва истеҳсолот ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

2.2. Институт накшаҳои корҳои таҳқиқотию илмиро омода ва тасдиқ менамояд. Асос барои таркиб ёфтани накшаҳо, шартномаҳо барои иҷрои таҳқиқотҳои илмии бунёдию асосӣ, инчунин шартномаҳои корхонаҳо, хоҷагиҳо оид ба ҷорӣ намудани хулосаву тавсияҳои илмӣ ва ёрию мададрасонӣ мебошанд. Нақшаи солонаро Институт дар асоси шартномаҳои басташаванда омода месозад ва тасдиқ менамояд.

2.3. Институт корҳои таҳқиқотию илмиро дар хоҷагиҳои таҷрибавӣ, муассисаҳои корхонаҳои базавии кишоварзии санҷишгузароние (заводҳои зотпарвар ва фермаҳои зотпарвар). ки бо онҳо ҳамкорӣ дорад, пеш мебарад.

2.4. Хулосаҳои мукаммали илмие, ки аз рӯи натиҷаҳои таҳқикотҳо ба даст омадаанд, ба Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, барои баррасӣ ва минбаъд ҷорӣ намудан дар истеҳсолоти кишоварзӣ, пешниход карда мешаванд.

2.5. Барои корҳои таҳқиқотию илмӣ дар сохтори Институт бахшҳои дахлдор: шуъбаҳо. Озмоишгоҳҳо (лабаратория), бахшҳо ташкил дода мешаванд.

2.6. Институт ҳар сол асарҳои илмӣ, китобҳо, монографияҳо, китобчаҳо нашр менамояд, дар маҷалаҳо ва рӯзномаҳо оид ба масъалҳои гуногуни кишоварзӣ мақолаҳо, варақаҳои иттилоотӣ чоп мекунад.

2.7. Ба воситаи магистратура, аспирантура ва докторантура, баланд бардоштани савияи тахассусии кормандони илм, мутахассисони илмӣ тайёр менамояд.

2.8. Равобит, ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии эҷодиро бо муассисоти давлатҳои муштаракулманофеъ ва мамлакатҳои хориҷӣ тараққӣ медиҳад. Натиҷаи маҳсули илмию техникӣ дар мамлакат ва ба давлатҳои хориҷӣ, мувофиқи қоидаҳои мавҷудбуда, бо асъори миллӣ ва хориҷӣ (валюта) бароварда мешавад.

2.9. Барои ишгол намудани вазифаҳои мудирони шуъбҳо, озмоишгоҳҳо ва ходимони илмӣ дар асоси тартиботи мукараршуда озмун эълон менамояд ва онро мегузаронад.

2.10. Як маротиба дар панҷ сол, дар асоси тартиботи мукараршуда санҷиши (аттестатсия) мудирони шуъбаҳо, лабораторияҳо, бахшҳҳо (сектор), ходимони илмӣ, коркунони техникӣ ва дигар кормандонро ташкил менамояд.

### 3. Идора кардани Институт

3.1. Мақоми олӣ- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шахсияти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон мебошад. Мақоми иҷроия - директори Институт.

3.2. Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон – Органи олии Институт мебошад. Ваколатҳои истисноии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон:

- тасдиқи оиннома;
- дохил намудани тағйироту иловаҳо ба оиннома;

Таъин ва озод намудани директори Институт, ҷинишинон директор, котиби илмӣ, сармуҳосиб, директорони филиал ва Марказ ҷумҳуриявии биотехнологияи чорво;

- тасдиқи аъзоёни шӯрои илмии институт ва нақшаи кори он.

### Вазифаҳои асосии директори Институт:

- ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ва молиявии институт, инчунин корхонаҳои бевосита дар тобеи ӯ буда роҳбарӣ менамояд;

- ба ҳамаи маблағу воситаҳо ва моликияти институт фармонфармоӣ менамояд;

- шартномаҳо ва созишномаҳое мебандад, ки онҳо барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи институт гузошташуда заруранд;

- дар шуъбаю бахшҳои Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисоти қарздиҳӣ (кредит) ҳамаи амалиётро ба иҷро мерасонад, аз ҷумла суратҳисобҳои ҷорӣ ва арзӣ мекушояд, ба онҳо фармонфармоӣ менамояд, супоришномаҳои пардохт (пулдиҳӣ)-ро имзо мекунад, талаботи пардохт-ҳисобро баробар (акцент) мекунад ва фармоиш медиҳад;

-бе ваколатнома аз номи Институт амал мекунад, Институтро дар ҳамаи корхонаҳо, дар муассисот ва ташкилотҳо, судҳо муаррифӣ менамояд, барои ҳимояи манфиатҳои институт ба намоянда ваколатнма медиҳад ;

- мувофиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳуриии Тоҷикистон коргарон ва хизматчиён, кормандони илмро дар асоси озмун ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;

- рӯйхати мансабу вазифаҳо. Ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ, ҳисоботи солона, се, шаш ва нӯҳмоҳаи институтро баррасӣ ва тасдиқ менамояд

- дар доираи ваколати худ аз номи Институт ваколатнома медиҳад.

3.3. Органи худидоракунии Институт – шӯрои олимони институтт мебошад.

Шӯрои олимон дар ҳайати роҳбарияти Институт, мудирони шуъбаҳо (озмоишгоҳҳо), кормандони асосии илмие, ки бо асарҳои илмиашон машҳуранд ва инчунин аз намояндагони ташкилоти иттифоқи касаба ташкил карда мешавад. Аъзоёни Шӯрои олимони Институтро Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бо пешниҳодоти директори Институт тасдиқ менамояд. Директори Институт раиси Шӯрои олимон мебошад.

3.4. Шӯрои илмии Институт ҳуқуқ дорад қарор қабул намояд, агар дар маҷлиси он на камтар аз нисфи аъзоён, вақти интихобот бо тариқи озмун, на камтар аз се ду ҳиссаи ҳайати он иштирок дошта бошад.

Қарори Шӯрои олимон ба он шарте қабулшуда ҳисобида мешавад, ки агар барои он зиёда аз 50 фоиз ҳангоми интихобот ба тариқи озмун на камтар аз 2/3 ҳиссаи аъзоёни Шӯрои олимон, ки дар маҷлис иштирок доранд, овоз додаанд.

Қарорҳо ба таври овоздиҳии кушода қабул карда мешаванд, агар Шӯрои олимон дар бораи овоздиҳии пинҳонӣ қарор қабул нмоянд ва ё ин ки овоздиҳии пинҳонӣ ба қоидаҳои махсус пешбинӣ шуда бошад.

3.5. Барои баррасии нақшаҳои мавзӯи кори шуъбаҳо (озмоишгоҳ) дурномаҳои корӣ ва методӣ, ҳисоботҳои илмӣ ба сифати узви кори Шӯрои олимон комиссияи илмию методӣ ташкил дода мешавад.

3.6. Вазифаи Шӯрои олимон аз инҳо иборат аст:

- баррасӣ ва тасдиқи нақшаҳои мавзӯӣ, дурнамо ва тарзу усулҳои таҳқиқотҳои илмӣ;

- муҳокимаи ҳисобоҳо доир ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии бахшҳои илмӣ

- муҳокимаи ҳисоботҳо, маърӯзаҳо, асарҳои илмӣ, рисолаҳои илмӣ (диссертатсияҳо), нақшаҳои кори селексионию зотпарварӣ, тавсияҳо ва дигар маводҳо вобаста ба масъалаҳое, ки ба доираи ваколати Институт дохил мешаванд;

- гузаронидани мубоҳисаҳои эҷодии илмӣ ва конференсияҳо аз рӯи муаммоҳои муҳимтарини тараққиёти чорводорӣ;

- қабули қарорҳо дар бораи додани унвонҳои илмӣ;

-баррасии таклифҳои комиссияи озмунӣ дар бобати ба вазифаҳо таъин намудани коркунони илмӣ дар асоси қоидаҳои мавҷуда.

## 4. Маблағҳо ва асоси (бунёди) моддию техникии Институт

4.1. Институт фаъолияти молиявии худро аз ҳисоби маблағҳои зерин ташкил ва амалӣ менамояд:

- маблағҳои буҷа, ки барои корҳои таҳқиқотӣ илм ҷудо карда мешаванд;
- даромад аз фурӯши маводи илмию техникӣ, корҳо ва хизматрасонӣ, ки аз рӯи шартномаҳо ба амал бароварда мешавад;
- пешпардохт, ки аз фармояндагон гирифта мешаванд;
- маблағҳои фонди истеҳсолот, илм ва техника.

4.2. Дар Институт фондҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ташкил дода мешавад:

- фонди тараққиёти истеҳсолот, илм , техника ва инкишофи иҷтимоӣ;
- фонди ҳавасмандгардонии моддӣ.

Тартиботи бунёд ва сарфи маблағҳои фондҳоро Институт муайян менамояд.

4.3. Асоси моддию техникӣ ва маблағҳоро фондҳои асосӣ ва маблағҳои гардон, инчунин сарватҳои моддӣ ва захираҳои молиявӣ ташкил медиҳад. Институт соҳибмулки моликият ва маблағҳо аст ва онҳоро тибқи қонунгузории амалкунанда истифода менамояд..

4.4. Маблағҳои гардон комилан дар ихтиёри Институт мебошанд ва онҳоро аз ихтиёраш грифтан мумкин нест. Норасоии маблағҳои гардони худӣ аз ҳисоби даромади хоҷагӣ гирифта, пур кардани он бошад, аз ҳисоби захираҳои худӣ ба амал бароварда мешавад.

4.5. Бо мақсади беҳтар гардонидани заминаи моддию техникӣ ва рушди илм дар Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз ҳисоби даромадҳои ғайрибуҷетии институт ва ташкилотҳои илмию таҳқиқотии тобеи он, **фонди рушди илми кишоварзӣ** таъсис дода шавад.

4.6. Институт барои саривақт иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ оид ба пардохтҳо дар назди бахшҳои молия, бонк, ташкилоти болоӣ ва инчунин оид дар назди бахшҳои молия, бонк, ташкилоти болоӣ ва инчунин оид ба ӯҳдадориҳо аз рӯи шартномаҳо масъул ва ҷавобгӯ мебошад.

4.7. Институт дар бахши зудамали Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳри Душанбе суратҳисоб дорад.

## 5. Хоҷагии таҷрибавӣ

5.1. Дар ихтиёри Институт Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорво воқеъ дар ноҳияи Сино, ки он мустақил мебошад ва шахси ҳуқуқӣ ҳисоб меёбад, мебошад.

5.2. Заводҳо, хоҷагиҳо ва фермаҳои зотпарварӣ (дорои шаклҳои гуногуни моликият) барои такмил додани хусусиятҳои зотӣ ва маҳсулнокии чорво, инчунин офаридани зотҳои нав, ки бо Институт

созишномаҳои ҳамкорӣ доранд, хоҷагиҳои базавии санҷишӣ (эксперименталӣ) мебошанд.

5.3. Хоҷагиҳои таҷрибавӣ барои гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ, санҷиши истеҳсолии хулосаҳои илмии хотимаёфта, ҷорӣ намудани дастовардҳои илм ва таҷрибаҳои пешқадам бунгоҳ (база) мебошанд.

### 6. Баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ

6.1. Институт дар асоси низомномаҳо ва дастурҳои муқарраршуда ҳисоби муҳосибавӣ (бухгалтерӣ), амалиёти фаврӣ ва оморӣ (статистика) мебаранд, ба тариқи муайянгардида аз рӯи ҳамаи намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ҳисобот ва мувозанаҳо тартиб медиҳад ва онҳоро ба Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва дигар бахшҳо пешниҳод менамояд, барои дурустию саҳеҳии онҳо, аз рӯи шаклҳо ва нишондодҳои тасдиқшуда, тартиб додан ва сари вақт пешниҳод кардани ҳисоботи корхонаҳое, ки дар тобеи институт ҳастанд, масъул ва ҷавобгӯ мебошад.

6.2. Самарабахш ва сарфакорона истифода шудани захираҳо молӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ қатъӣ назорат бурда мешавад.

6.3. Фаъолияти Институтро мақомоти болоӣ ва дигар бахшҳо дар асоси қонунгузории амалкунанда месанҷанд ва тафтиш (ревизия) менамоянд.

### 7. Тасдиқи оиннома

7.1. Оиннома Институтро Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон тасдиқ менамояд ва тибқи қонунгузории амалкунанда ба оиннома тағйиру иловаҳо ворид менамояд.

### 8. Тартиби аз нав ташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Институт

8.1. Институт тибқи тартиби муқаррар намудани қонунгузорӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода ва аз нав ташкил дода мешавад.